**ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудаки 78
тел./факс:(+ 992 37) 227-62-08; 221-46-23; www.medt.tj, info@medt.tj

№ 10/3-141 аз 03. 03. 2025

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар робита ба банди 4 Низомномаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2019, №1282 тасдиқ шудааст ва фармоиши вазорат аз 7 феврали соли 2025, №10 «Дар бораи Гурӯҳи кории байнидоравӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соли 2025» гузаронидани ҷаласаи гурӯҳи кориро ба нақша гирифтааст. Дар ҷаласа раванди иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии зерин мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

- «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки аз 3 августи соли 2021, №222 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки аз 31 декабри соли 2020, №703 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040», ки аз 28 октябри соли 2020, №588 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Вазорати кишоварзӣ).

Дар робита ба ин оиди чараёни иҷрои ҳуҷҷатҳои қайдгардида то 7 марти соли 2025 ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо гузориши муфассал ва рӯнамо (на зиёда аз 15 дақиқа) манзур намоед.

Ҳамзамон хоҳиш карда мешавад, ки иштироки намояндаи худ (аъзои гурӯҳи корӣ)-ро дар ҷаласаи мазкур рӯзи 18 марти соли 2025, соати 14:00 дар бинои Вазорати рушди иқтисод ва савдо (маҷлисгоҳи ошёнаи 5) таъмин намоед.

Бо эҳтиром,
Муовини вазир — Нуриддинзода А. Н.

Телефон барои тамос: 221-64-08:
Почтаи электронӣ: husniy_m@mail.ru